***ТДУ 378***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-135-138***

***ВАЗЪИ КАСБИНТИХОБКУНИИ МАКТАББАЧАГОН ДАР ШАРОИТИ ИТТИЛООТОНИИ ТАЪЛИМ***

***Акилова Маҳбуба Рауповна****, муаллими кафедраи назарияи физикаи факултети физикаю техникаи МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СОСТОЯНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОРИЕНТИРОВАНИЯ ШКОЛЬНИКОВ В УСЛОВИЯХ ИНФОРМАТИЗАЦИИ ОБРАЗОВАНИЯ***

***Акилова Махбуба Рауповна,*** *преподаватель кафедры теоретической физики физико-технического факультета ХГУ им. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***PROFESSIONAL ORIENTATION OF SCHOOLCHILDREN IN THE CONTEXT OF INFORMATIZATION***

***Akilova Mahbuba Raupovna,*** *Lecturer of the Department of Theoretical Physics, Faculty of Physics and Technology, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *mahbuba.okilova@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *мактаб, хонандагон, касб, ҷараёни инкишоф, роҳнамоӣ, иттилоотонӣ, компютеронӣ, маориф, таълим.*

*Дар ин мақола раванди касбинтихобкунии ҷавонон дар шароити иттилоотонии ҷомеа баррасӣ шудааст. Дар шароити пуртазоди замони муосир, ки бо тағйироти босуръат дар бозори меҳнат ва афзоиши назарраси талабот ба малакаҳои касбӣ вобаста аст, зарурати баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии усулҳои интихоби касб аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Муаллиф методологияҳои муосиреро таҳлил мекунад, ки ба ошкор намудан ва инкишофи майлу рағбатҳои касбии хонандагон равона шудаанд ва аҳамияти истифодаи технологияҳои инноватсиониро барои дастгирии ин раванд таъкид мекунад. Ба масъалаи мушкилоте, ки хатмкунандагон дар ҳолати интихоби касб рӯ ба рӯ мешаванд, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, дар шароити муҳити босуръат тағйирёбанда интихоби нодурусти касб метавонад ба нофаҳмӣ дар касб ва бухрони шахсӣ оварда расонад. Дар мақола зарурати таҳқиқоти минбаъда, ки ба таҳияи усулҳои бештар мутобиқшаванда ва устувори равонасозии касбӣ, ки ба интихоби огоҳона ва асосноки касб дар байни ҷавонон мусоидат менамояд, таъкид карда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *школа, учащиеся, профессия, динамика, ориентация, информатизация, компьютеризация, образование, обучение.*

*В данной статье рассматривается процесс профессиональной ориентации молодежи в условиях активной информатизации образования. В условиях современных вызовов, связанных с быстрыми изменениями на рынке труда и значительным ростом требований к профессиональным навыкам, необходимость повышения надежности и эффективности методов выбора профессии становится критически важной. Автор анализирует современные методологические подходы, ориентированные на выявление и развитие профессиональных склонностей и интересов учащихся, а также акцентирует внимание на важности использования инновационных технологий для поддержания этого процесса. Особое внимание уделяется рискам, с которыми сталкиваются выпускники при недостаточной или ошибочной профессиональной ориентации: в условиях динамично меняющейся среды неверный выбор профессии может привести к профессиональной неопределенности и личностному кризису. В статье подчеркивается необходимость дальнейших исследований, направленных на разработку более адаптированных и устойчивых методов профессиональной ориентации, способствующих осознанному и обоснованному выбору профессии среди молодежи.*

***Key words:*** *school, pupils, profession, dynamics, orientation, informatization, computerization, education, learning.*

*The given article dwells on the process of career orientation for young people amidst the active informatization of education. In the face of modern challenges, such as rapid changes in the labor market and the significant rise in skill requirements, the need to enhance the reliability and effectiveness of career selection methods has become critically important. The author analyzes contemporary methodological approaches aimed at identifying and fostering students' professional inclinations and interests, while emphasizing the importance of utilizing innovative technologies to support this process. Special attention is given to the risks faced by graduates due to inadequate or misguided career guidance; in a dynamically changing environment, an incorrect career choice can lead to professional uncertainty and personal crisis. The article highlights the need for further research focused on developing more adaptable and resilient career guidance methods to promote informed and well-founded career choices among youth.*

Барои ҷавони хатмкардаи мактаб дар олами касбу ҳунар мавқеи худро дуруст ба роҳ мондан душвор буда, ӯ як муддат, то пайдо намудани роҳи худ, гирифтори сарсонӣ мешавад. Ин бесабаб набуда, зеро вай бояд касберо интихоб кунад, ки барои ҷамъият муҳим ва ба талаботу манфиатҳои он мувофиқ бошад, ҳамчунин тавонад барои худи шахс манбаи муҳими иқтисодӣ ба шумор равад. Ёрӣ расонидан ба як ҷавон ё духтар дар пайдо кардани мавқеи худ дар зиндагӣ ва касбаш амари зарурӣ ба шумор меравад.

Тамоюли касбӣ-техникиро дар мактаб на ҳамчун маҷмуи тадбирҳои алоҳидае, ки бо хатми мактаббачагон алоқаманд, балки ҳамчун ҷузъи органикии тамоми системаи кори таълимию тарбиявӣ ҳисоб кардан лозим аст. Умуман, он бояд бо раванди ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта зич алоқаманд бошад.

Дар амалияи таълими мактаб ягона роҳи омӯзиш муқаррар шудааст: аз хусусӣ ба умумӣ. Зимнан, таҳқиқоти дидактикҳо, равоншиносон ва методистҳо зарурати истифодаи ҳам усулҳои индуктивӣ-таҳлилӣ ва ҳам роҳҳои дедуктивӣ - синтетикиро собит кардааст, дар таъсири мутақобилаи онҳо хулосаи муҳимме ба миён меояд, ки самаранокӣ ва қувваи амалии асоси ягонагии зиддиятноки яклухт ва қисмҳоро дар таълим таъкид мекунад.

Асоси ягонагии зиддиятноки пурра ва қисман дар таълим, ки ба зиддиятҳои байни ақибмонӣ дар раванди ҷамъбасти донишу маҳорат ва зарурати афзояндаи татбиқи донишҳои бештар ва малакаҳои умумӣ дар фаъолияти эҷодии торафт мураккабтаршаванда мувофиқат мекунад, ба амал меояд. Талаботи густариши воҳидҳои дидактикии монандшавӣ, ки ба таҳкими маводи таълимӣ, ташаккули малакаҳои умумӣ мусоидат мекунад, ин системаи дониш, амалисозии робитаҳои байнифаннӣ мебошад.

Дар асоси принсипи ягонаи зиддиятноки пурра ва қисман ташаккули раванди омодагии мактаббачагон ба кор дар шароити муҳити муосири иттилоотӣ бояд аз дарсҳои аввал таваҷҷуҳ намуд, ки моҳияти маводи касби интихобкарда мухтасар баён карда шавад. Дар амал татбиқ намудани масъалаи мазкур осон нест, вале агар ҳамоҳангсозии раванди касбомӯзии талабагон ба зиммаи компютеркунонии таълим гузошта шавад, кор саҳл мегардад.

Дар асоси ин раванд хулоса баровардан мумкин аст, ки роҳнамоии касбӣ аз ҷиҳати усулҳо педагогӣ, мазмунан иҷтимоӣ, аз рӯйи натиҷа иқтисодӣ ва аз рӯйи ташкили кор давлатӣ мебошад.

Ҷараёни барқароршавию рушди сохтори давлатии касбинтихобкунии ҷавонон дар якҷоягӣ бо ҷустуҷӯҳои илмию таҳқиқотии ба маърифати мафҳумҳои базавӣ моҳияти касбинтихобкунӣ ва нишондиҳанда–меъёрҳои самаранокии консепсияҳои педагогии касбинтихобкунии шахс амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро ин масоил аз тарафи олимони гуногун ба монанди А.Д. Сазонов, В.Ф. Сахаров пешниҳод шуданд. Аксари муаллифон дар мавриди тафсири мафҳуми «касбинтихобкунӣ» фикри ягона доштанд. Онҳо чун «сохтори психологӣ-педагогӣ, тиббиву давлатии чорабиниҳо ташаккул ёфта буданд. Он ба шахси вориди ҳаётшаванда нисбати илман асоснок ва устувор интихоб кардани касб бо дарназардошти талаботи ҷомеа ва ҳам манфиати шахсиву қобилият кумак мерасонад. Ин чораҷӯиҳо манфити ҷамъияту шахсиятро ҷамъбаст мекунад, ё ин ки тавре олим С.Я.Батышев зикр менамояд «касбинтихобкунӣ–фаъолияти мақсадноки марбут ба манфиатҳои касбии дар ниҳоди наврасон ташаккулёбанда ва тамоюли онҳо мутобиқ бо қобилияти шахсӣ, талаботи ҷомеа ва қобили ин ё он касб» [1, с. 64] мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки касбинтихобкунӣ аз рӯи методӣ педагогӣ, аз рӯи муҳтаво иҷтимоӣ, мувофиқи натиҷаҳо иқтисодӣ ва аз рӯи ташкили кор давлатӣ маҳсуб мешавад.

Маълумоти пурра доир ба касбинтихобкунӣ дар асарҳои олимон К.К. Василева, А.Д. Сазонова, В.Ф. Сахарова ва ғайра мунъакис шудааст. Ҳамчунин, дар рушди омӯзиши ин муаммо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми олимони тоҷик С. Қодиров, А.М. Миралиев, Ш. Рӯзиев, Ш.А. Шаропов ва дигарон назаррас аст. Аз ҷониби онҳо моҳияти касбинтихобкунӣ, таркибҳои сохтории он муайян карда шуда, ҳадафу вазифа, принсипу муҳтаво, шаклу усулҳои ташкилӣ ва барномаи касбинтихобкунӣ ташаккул дода шудаанд.

Рӯ овардан ба масъалаи касбинтихобкунӣ чун «ҷараёни муназзами педагогӣ баррасӣ мешавад, ки давоми соли таҳсил татбиқ гардида, ташаккули мақсадноки манфиату тамоюл ва қобилияти хонандаро бо дарназардошти талаботи ҷомеа таъмин месозад» [2, с.191].

Мақоми марказиро дар ин сохтор самти фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ишғол кардааст. Маҳз ин самт ҳолати иҷтимоӣ-иктисодии ҷамъият, бозори меҳнат, мақоми касб, талабот ба шахсиятро дар шароити нави хоҷагидорӣ, ниёзҳои иҷтимоии оилаву ҷамъият, сабабу ҳавасмандии хонандаро баҳо медиҳад. Ин гуна иттилоот имкон медиҳад, ки ҳадафҳои

тактикиву стратегии идоракунии худ- касбинтихобкунӣ, банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванд дар асоси ташхис,ислоҳи корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон муайян карда шавад. Ин модул маҷмуи тавсифҳои касбӣ (муҳтавою ташкили он)-ро мунъакис месозад, ки барои татбиқи намудҳои асосии фаъолият, ошкор сохтани мутахассисони гуногун, фарқгузории сатҳи гурӯҳбандии касбӣ дар давраҳои гуногуни рушди мутахассис дар кишвар ва хориҷ аз онро фароҳам меорад. Зеро масъалаи баланд бардоштани самаранокиву боваринокии услуби касбинтихобкунӣ ҳавасмандии зиёдро ба вуҷуд оварда, водор месозад, ки роҳҳои нав ба нави таҳқиқ ҷустуҷӯ карда шаванд.

Омӯзишу ташхиси адабиёти зарурии марбут ба масъалаи баррасишаванда далолат бар он мекунад, ки корҳо дар самти касбинтихобкунӣ бояд дар ниҳоди хонандагон малакаи мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат, тағйирпазириву фаврият дар ҷустуҷӯи кор ва малакаи соҳибкорӣ рушд дода шавад. Теъдоди зиёди хатмкунандагони мактабҳо, бо сабаби надоштани нақша ва нияти устувор дар интихоби касб, дар бозори меҳнат бекор мемонанд. Сабаби ин зуҳурот на танҳо бо омилҳои объективию иқтисодӣ, ҳамзамон бо омилҳои субъективӣ алоқаманд аст. Хатмкунандагони мактабҳо аксар ҳолат дар бозори меҳнат, аз ҷиҳати он ки малакаи хуб надоранд, роҳгум мезананд ва ба худ кори мувофиқ ёфта наметавонанд. Зеро кор дар самти омодагӣ ба касби оянда пурра ва мукаммал ташкил нашудааст. Дар шароити номуайянӣ ва зуд тағйирёбанда хонандагонро ҳамчун кадри захира тайёр кардан ғайриимкон аст. Имрӯз омодагии онҳо ва қобилияти мутобиқшавӣ дар муҳити тағйирёбанда ва мутобиқ ба он  амал кардан дар ҷои аввал меистад.

Бо дарназардошти густариши технологияи иттилоотӣ- коммуникатсионӣ дар ҳамаи бахшҳои ҷомеаи замони муосир қайд кардан лозим аст, ки натанҳо иттилоотикунонии таълим, балки раҳнамун сохтани хонандагон ба касбинтихобкунӣ зарур ва талаботи замон мебошад. Рушди бесобиқаву бемайлони равандҳои иттилоотӣ имкон намедиҳад, ки  донишҳои омӯзонидашуда ва таҷрибаи андӯхта амалӣ гардад. Аз ин рӯ, талабот нисбати азхудкунии технологияҳои нави иттилоотӣ дар ҷараёни касбинтихобкунии хонандагон ба миён меояд ва гузариш ба сохторикунонии ғайрихаттии иттилоот пешбинӣ мегардад. Ин ҳолат аз худ маводи маълумотдиҳиву методиро дар шакли гиперматнҳо, гипермедиа, базаҳои тақсимшудаи хазинаи маълумоту донишро мемонад.

Мактаб бо муайян кардани сифатҳои асосии касбӣ ва хусусиятҳои касбии мутахассис, ки бо шартҳои муҳити муосири иттилоотӣ ва хусусиятҳои технологияи муосири иттилоотӣ муайян карда мешавад, модули рӯоварии хонандаро ба фаъолияти касбӣ таҳия месозад.

Ҳамин тариқ, модули таҳиянамудаи мо бояд тамоми маҷмуи таснифоти касбии барои татбиқи намудҳои асосии фаъолият зарур (муҳтаво ва ташкили онҳо)-ро инъикос созад, мутахассисони гуногунро ошкор ва сатҳи касбиятро дар давраҳои гуногуни фаъолияти мутахассис фарқ гузорад.

## АДАБИЁТ:


1. Батышев, С. Я. Трудовая подготовка школьников, вопросы теории и методики/ С. Я.Батышев.- М.: Педагогика, 1981.-64 с.
2. Васильев, К.К. Профессиональная ориентация средних общеобразовательных школ / К.К.Васильев.- М: Просвещение, 1980. - 191 с.
3. Иовайша, Л.А.  Проблемы профессиональной ориентации школьников / Л.А. Иовайша М.: Педагогика, 1983. - 128 с.
4. Кодиров, С .Профессиональная ориентация школьников /С. Кодиров. Часть 1. (Учебное пособие) (в соавторстве).- Худжанд: Р.Джалила, 1992. -77с.
5. Миралиев, А.М. Педагогическая система подготовки студентов к организации профессиональной ориентации и трудового воспитания школьников/ А.М.Миралиев.- Дис.док.пед.наук.- Душанбе,2 006.-283с.
6. Платонов, К.К. Цели и задачи профессиональной ориентации/ К.К. Платонов - В кн.: Профессиональная ориентация молодежи.- М.: Высшая школа, 1978.- С. 67.
7. Рузиев, Ш.М. Педагогические основы формирования профессионального мастерства будущих учителей технологии и предпринимательства./ Ш.М. Рузиев.- Душанбе, 2006. -204с.
8. Сазонов, А.Д., Сахаров В.Ф. Профессиональная ориентация учащихся/ А.Д.Сазонов, В.Ф. Сахаров.- М.: Просвещение, 1982. - 192 с.
9. Сахаров, В.Ф. Система профессиональной ориентации учащихся средних школ/ В.Ф. Сахаров.- Киров, 1977. - 175 с.

10.Шаропов, Ш. А. Профессиональная ориентация школьников/ Ш.А.Шаропов// Часть 1. (Учебное пособие) (в соавторстве).- Худжанд: Р.Джалила, 1992. -77с.
11.Шаропов, Ш.А. Профессиональная ориентация школьников/ Ш.А.Шаропов. Часть 2. (Учебное пособие) (в соавторстве). Худжанд: Р.Джалила, 1992. - 68с.

**REFERENCES**:

1. Batyshev, S. Ya. Labor Training of Schoolchildren, Issues of Theory and Methodology. / S. Ya. Batyshev. — Moscow: Pedagogy, 1981. — 64 p.
2. Vasiliev, K. K. Career Guidance in Secondary General Education Schools. / K. K. Vasiliev. — Moscow: Prosveshchenie, 1980. — 191 p.
3. Iovaysha, L. A. Problems of Career Guidance for Schoolchildren / L. A. Iovaysha. — Moscow: Pedagogy, 1983. — 128 p.
4. Kodirov, S. Career Guidance for Schoolchildren / S. Kodirov. Part 1. (Textbook) (co-authored). — Khujand: R. Jalila, 1992. — 77 p.
5. Miraliyev, A. M. The Pedagogical System of Preparing Students for Organizing Career Guidance and Labor Education for Schoolchildren / A. M. Miraliyev. — Doctoral thesis in pedagogy. — Dushanbe, 2006. — 283 p.
6. Platonov, K. K. Goals and Objectives of Career Guidance / K. K. Platonov — In the book: Career Guidance for Youth. — Moscow: Higher School, 1978. — p. 67.
7. Ruziyev, Sh. M. Pedagogical Foundations for Forming Professional Skills of Future Technology and Entrepreneurship Teachers. / Sh. M. Ruziyev. — Dushanbe, 2006. — 204 p.
8. Sazonov, A. D., Sakharov, V. F. Career Guidance for Students / A. D. Sazonov, V. F. Sakharov. — Moscow: Prosveshchenie, 1982. — 192 p.
9. Sakharov, V. F. Career Guidance System for Secondary School Students / V. F. Sakharov. — Kirov, 1977. - 175 p.
10. Sharopov, Sh. A. Career Guidance for Schoolchildren / Sh. A. Sharopov. Part 1. (Textbook) (co-authored). - Khujand: R. Jalila, 1992. - 77 p.
11. Sharopov, Sh. A. Career Guidance for Schoolchildren / Sh. A. Sharopov. Part 2. (Textbook) (co-authored). - Khujand: R. Jalila, 1992. - 68 p.